# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300- Таърих (6D020301- Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқи масъалаҳои таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик яке аз ҷанбаҳои муҳимми соҳаи фарҳанг мебошад, ки моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати рушди санъати театрӣ, мусиқӣ ва синаморо фаро мегирад, ки баррасии масоили мазкур яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

Дар таърихнигории муосири Тоҷикистон масъалаҳои вазъи фаъолияти театрҳо дар кишвар, рушди санъати саҳнавӣ дар замони истиқлолият, мақом ва нақши санъати синамо дар таърихи навин, ба тарзи бояду шояд мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст ва ин мубрамияти омӯзиши мавзуи мазкурро тақвият медиҳад.

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсияи Яқубшоев Афрӯз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2016)», аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (178 номгӯй) иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 189 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва заминаҳои методологӣ, меъёрӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалии диссертатсия, ҳамзамон саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеаи муосир» унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум ва дуюми боби якум, ки нақши театрҳо дар инкишофи фарҳанги халқи

тоҷик» номида шудааст, вазъи имрӯзаи театрҳо, саҳми фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар рушди театри касбии тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм "Рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлол" вазъи мусиқии касбиии кишвар, мушкилот, ва рушди соҳа дар охири асри XX – ибтидои асри XXI мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Дар зербоби якум ва дуюми боби дуюм масъалаҳои ташаккул ва рушди мусиқии миллии халқи тоҷик, рушд ва такомули афкори мусиқии халқи тоҷик таҳлил гардидааст.

Дар боби сеюми рисола дигаргуниҳо ва назари нав дар синамои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ва ҳамкориҳои хорҷии синамогарони тоҷик мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия андешаҳои ҷамъбастӣ нисбати мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи мазкур аз сарчашма ва адабиёти гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ истифода гардидааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ комил ва илмӣ буда, дар ҳар саҳифаи кор дониши мукаммали таърихӣ доштани муҳаққиқ эҳсос мегардад. Ҳамзамон, аз шиносоӣ бо автореферати рисолаи диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои вазъи фаъолияти театрҳо, рушди мусиқӣ дар замони истиқлолият, нақши санъати синамо дар ҳаёти маънавии ҷомеа ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия ҳангоми номбар кардани намояндагони машҳури санъати мусиқӣ номи онҳоро аз рӯйи саҳмашон дар ин самт ҷойгир мекард. Ҳамзамон, номи оҳангсози машҳур Толиб Шаҳидӣ ва Адҳам Холиқов, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд, дар автореферат инъикос нагардидааст.

2. Ҳамчунин дар автореферати рисола, бавижа дар номгӯйи мақолаҳои муаллиф (саҳ. 34) баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи номзадии Яқубшоев Афрӯз дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2016)», кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти унвони илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ мебошад.

Диссертант Яқубшоев Афрӯз Хубоншоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020301-Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.т., дотсент — Карамалишоев К.Н.

Мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.т., дотсент — Ализода Б. П.

Имзои К.Карамалишоев ва Б. Ализодаро тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ғаюров Ф.З.

«17» 04 с.2024

Нишонӣ:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 938 32 27 68, 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru